

# Садои мардум


Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№54 (4950)

ЧОРШАНБЕ, 30 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ТСЮ ДОНГЮЙ



**29-уми апрели соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид Тсю Донгюйро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, аз ҷумла бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ, баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дастгирии доимии Созмон аз талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи татбиқи афзалиятҳои миллии рушди устувор изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба тақвияти иқтидори комплекси агросаноатӣ, таъмини низоми босуботи озуқаворӣ, мутобиқшавӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист зоҳир гардид.

Татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои идораи самараноки замину захираҳои об, беҳбуди бахши чорводорӣ, хоҷагиҳои моҳипарварӣ, ҷангал, ҳифзи растаниҳо, дастрасӣ ба тухмиҳои хушсифат, идораи мубориза бо ҳашароти зараррасон, ҷорӣ намудани навовариҳо ва технологияҳои муосири кишоварзӣ зарур шуморида шуд.

Доир ба амалисозии барномаҳои муносиб дар самтҳои рақамикунонӣ, роҳандозии тадқиқоти бунёдии илмӣ, рушди соҳаи тухмипарварӣ, ҳалли масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» ва «Даҳсолаи хоҷагидории оилавии Созмони Милал то соли 2028» гуфтугӯйи судманд ҷараён гирифт.

Пешвои миллат, ҳамзамон, ба Мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид барои дастгирӣ аз номинатсияҳои Тоҷикистон - «Гӯсфанди зоти «ҳисорӣ», «Ангури навъи «тоифӣ - гулобӣ» ва ворид намудани онҳо ба Мероси низоми кишоварзии дорои аҳамияти ҷаҳонӣ (GIAHS) изҳори сипос карданд.

Ба мавзуи ташкили гӯшаи Тоҷикистон дар қароргоҳи Созмон низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Инчунин, алоқамандии Тоҷикистон аз идомаи ҳамкории стратегӣ бо ин ниҳод дар ҳама самтҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак таъкид шуд.



## ПИА ЛИИСА КАУМА ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**29-уми апрели соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, узви Парлумони Финляндия хонум Пиа Лииса Каумаро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои маҷмуи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, аз ҷумла робитаҳои байнипарлумонӣ, баррасӣ гардид.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки Тоҷикистон САҲА-ро ҳамчун ниҳоди муҳим барои муколамаи созанда дар доираи ҳар се ченак - низомиву сиёсӣ, иқтисодиву муҳитизистӣ ва инсонӣ медонад.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон авлавиятҳои раёсати Финляндияро дар самти пешгирӣ аз низоъҳо дар паҳнои САҲА, эҷоди эътимод, мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти фаромиллӣ ва дигар мавзуъҳо дастгирӣ менамояд.

Зимни баррасии масоили амниятӣ таҳкими шарикӣ дар муқовимат ба хавфу таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла дар доираи «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он», муҳим дониста шуд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки ҳалли мушкилоти амниятӣ ҳамоно андешидани тадбирҳои минбаъдаи ҳамоҳангро тақозо менамояд.

Вобаста ба ченаки иқтисодӣ-муҳитизистӣ таҳкими ҳамкорӣ барои роҳандозии лоиҳаҳои муассир мутобиқ ба Ҳадафҳои рушди устувор, бахусус ҷиҳати тақвияти бахшҳои воқеии иқтисод, беҳбуди зерсохтор ва рушди минтақаҳо, мувофиқи мақсад дониста шуд.

Масъалаҳои вобаста ба мудирияти захираҳои обиву энергетикӣ, тағйирёбии иқлим ва пешгирии офатҳои табиӣ низ аз ҷумлаи авлавиятҳои ҳамкорӣ номида шуд.

Таъмини баробарии гендерӣ, тавсеаи ширкати занон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз мавзуъҳои мубрами мулоқот буд.

Таъкид гардид, ки дар ченаки инсонӣ ҷониби Тоҷикистон омода аст ҳамкориро бо САҲА дар доираи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» идома диҳад.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин, доир ба мавзуъҳои алоҳидаи байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла бартараф намудани буҳронҳои мавҷуда ва эҷоди фазои боварию эътимод дар паҳнои масъулияти САҲА, сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

## САФАРИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БА РОССИЯ




**28-уми апрели соли 2025 ҳайати парлумонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон Файзалӣ Идизода барои иштирок дар Форуми байналмилалии «Мероси бузург -ояндаи муштарак», ки аз 28 апрел то 1 майи соли 2025 баргузор гардид, ба шаҳри Волгогради Федератсияи Россия сафар кард.**

Дар ин сафар Файзалӣ Идизодаро раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон Маҳмадшоҳ Гулзода, Муҳаммад Шодиён, Муҷибахон Ҷавҳарӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**29-уми апрели соли 2025 ҳайати парламентии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон Файзалӣ Идизода кори худро аз маросими гулчанбар гузоштан дар назди «Оташи абадӣ» дар маҷмааи «Мамаев Қӯрғон», макони рамзии хотира ва қаҳрамонӣ дар шаҳри Волгогради Федератсияи Россия, оғоз намуд.**

Сипас, ҳайати парламентии Тоҷикистон ба маҷмааи ёдгории таърихии «Қаҳрамонони ҷанги Сталинград» ташриф оварда, хотираи ҳалокшудагонро гиромӣ дошта, экспонатҳои осорхонаро тамошо карданд.

Ҳайати парламентии Тоҷикистон, ҳамчунин, дар кори бахши форуми «Ҳифзи хотираи умумии таърихӣ», ки дар он масъалаҳои муҳимтарини ҳамкориҳои байналмилалии башардӯстона, ҳифзи ҳақиқат дар бораи ҳодисаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои маорифу таърих баррасӣ шуданд, иштирок намуданд.

Ёдовар мешавем, ки форуми мазкур дар шаҳри Волгоград ба муносибати 80-солагии Ғалабаи бузург дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 бахшида шуда буд.

**Дар шаҳри Волгогради Федератсияи Россия ҷаласаи ҷамъбастии Форуми байналмилалии «Мероси бузург –ояндаи умумӣ» таҳти раёсати президентҳои Россия ва Беларус Владимир Путин ва Александр Лукашенко оғоз шуд.**

Дар кори форуми мазкур, ҳамчунин, раисони парлумонҳо, ассамблеяҳои парлумонӣ ва ҳайатҳои парламентии хориҷӣ иштирок доштанд.




Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода дар назди иштирокчиёни форум баромад намуда, саҳми халқи тоҷикро дар Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз ҷумла қаҳрамонии дивизияи 61-уми савораи тоҷикро, ки дар озод кардани шаҳри Сталинград иштирок дошт, махсус таъкид намуд.

Мавсуф ба аҳамияти ҳифзи ҳақиқати таърихӣ, эҳтиром ба гузаштаи умумӣ ва хотираи қаҳрамонии ҳамаи халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таваҷҷуҳ намуда, таъкид кард, ки танҳо дар руҳияи муҳаббат ба ватан ва эҳтиром ба таърих сулҳу ваҳдатро пойдор нигоҳ доштан мумкин аст.

Иброз дошта шуд, ки Ғалабаи бузург бар фашизм ба шарофати муттаҳидӣ, ҷидду ҷаҳд ва ягонагии ҳамаи халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар майдони ҷанг мардонагӣ ва қаҳрамонӣ нишон доданд, ба даст омадааст. Дар солҳои ҷанг аз Тоҷикистон аз 1,5 миллион нафар аҳолӣ зиёда аз 300 ҳазор нафар ба фронт даъват шуда буданд. Қариб 45 ҳазор нафар сокинони Тоҷикистон ба корхонаҳои дигар вилоятҳои Иттиҳоди Шуравӣ фиристода шуданд, ки бисёрии онҳо аз он ҷо ба фронт рафтанд. Зиёда аз 100 ҳазор нафар сокинони Тоҷикистон дар майдони ҷанг ҷон бохтанд, ки тақрибан 40 дарсади шумораи умумии даъватшудагонро ташкил медиҳад. Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои умумии тамоми мамлакат, аз ҷумла дар ташкили қисмҳои ҳарбӣ, бо озуқаворӣ ва лавозимоти ҳарбию техникӣ таъмин намудани фронт, фаъолона иштирок намуд.

- Ҷанговарони тоҷик дар ҳамаи муҳорибаҳо ва воқеаҳои муҳими Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз ҷумла муҳофизати қалъаи Брест, шаҳрҳои Киев, Смоленск, Одесса, Севастопол, фаъолона иштирок намуданд. Онҳо барои озод кардани Ленингради муҳосирашуда ёрӣ расонда, барои озод намудани Курск низ ҷангиданд. Мо ба хотираи ҳамаи онҳое, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷони худро бохтаанд, сари таъзим фуруд меорем, - гуфт дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода.

Ҳамин тариқ, форум ба як платформаи муҳими муколамаи байналмилалӣ табдил ёфт, ки ба ҳифзи хотираи таърихӣ ва таҳкими робитаҳои фарҳангии байни кишварҳо нигаронида шуда буд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## ҒОЛИБОНИ МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ГӮШТИНГИРӢ МУАЙЯН ШУДАНД

**26-уми апрели соли ҷорӣ бахшида ба Рӯзи пойтахт дар Қасри тенниси шаҳри Душанбе барои дарёфти «Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе» Мусобиқаи шашуми байналмилалӣ оид ба гӯштингирӣ баргузор гардид.**



Дар ин мусобиқаи байналмилалӣ беш аз 100 варзишгар аз 25 давлат дар вазнҳои 65, 78, 95, +95 кг байни мардон ва дар вазни то 70 кг байни занон бо ҳам рақобат карданд.

Байни мардон дар се вазн паҳлавонони тоҷик Суҳроб Боқиев дар вазни 65, Маҳмадшариф Наҷмиддинов дар вазни 78 ва Шакармамад Мирмамадов дар вазни +95 кг ғолиб шуданд. Дар вазни 95 кг паҳлавон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷонибек Қазоқов ғалаба кард.

Дар байни занон Алёна Прокопенко, аз Россия, дар вазни то 70 кг соҳиби медали тилло шуд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқа 110 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медод. Ба ғолибони ҷойи аввал 10 ҳазор доллар, барои ҷойи дуюм 5 ҳазор доллар ва барои ҷойҳои сеюм 2 ҳазору 500-долларӣ тақдим гардид.




**Г. РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

# ЗАНОН ҶОНИБДОРИ ТАШАББУСҲОИ СОЗАНДА

**Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа масъалаи ба таҳсил фаро гирифтани духтарон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 сол қабл, 26 апрели соли 1997, дар Анҷумани сеюми иттиҳодияҳои занон, созмонҳои ғайриҳукуматии занони ҷумҳурӣ зарурати таъсиси Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид карданд. Тибқи Квотаи президентӣ ҳамасола садҳо нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кишвар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус дохил шуда, соҳибмаълумот мегарданд.**

Онҳо давоми таҳсил аз имтиёзҳои зиёд, аз ҷумла таъмин бо хобгоҳ ва идрорпулӣ, бархӯрдоранд. Маҳз бо шарофати ин иқдоми Пешвои миллат занону духтарон баробари мардон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд.

Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии кишвар 28 декабри соли 2024 изҳор доштанд: «Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд».

Далели дигари таваҷҷуҳи хосаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба занону модарон таъсиси гранти президентӣ мебошад. Илова бар ин, бо ташаббуси Пешвои миллат солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» эълон гардид, ки барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои занони соҳибкору ҳунарманд замима фароҳам овард. Гузашта аз ин, сол аз сол бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шумораи занони соҳибкор дар ҷумҳурӣ зиёд мешаванд. Метавон гуфт, ки занону духтарони ҳунарманд бо ташкили марказҳои ҳунармандӣ, коргоҳу корхонаҳои дӯзандагӣ, чорвопарварӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои созандаю бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат саҳми арзанда мегузоранд.

Тозагул Ватанова соҳиби гранти президентӣ аз ноҳияи Восеъ буда, 25 сол мешавад, ки ба дӯхтани лавозимоти гаҳвора (рӯйпӯш, болишт ва дастбанд) машғул аст. Ин зани солманд аз дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле шод аст. Соли гузашта лоиҳаи пешниҳоднамудааш дастгирӣ ёфта, соҳиби 40 ҳазор сомонӣ гардид. Маҳсули ҳунари номбурда дар озмуну фестивалҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба маъраз гузошта шуда, борҳо сазовори ҷойҳои намоён ва соҳиби диплому ифтихорномаҳо гардидааст.

Барои тавсеаи ин раванд дар қиёс ба солҳои пешин маблағи грантҳои раиси вилояти Хатлон низ ду баробар зиёд шуд. Соли 2024 дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузорӣ - содиротии «Хатлон - Инвест» 30 соҳибкорзани вилоят 500 ҳазор сомонӣ гранти раиси вилояти Хатлонро гирифтанд. Аз ҷумла, Зебогул Назарова, сокини деҳаи Сурхдараи ноҳияи Восеъ, яке аз гирандагони гранти раиси вилояти Хатлон дар соли 2024 мебошад. Номбурда лоиҳаи худро дар самти



**Бибинисо ГУЛМУРОДЗОДА, муовини раиси ноҳияи Восеъ**

ҳунарҳои мардумӣ (дарздӯзӣ, чакандӯзӣ, порадӯзӣ) пешниҳод намуда, соҳиби 15 ҳазор сомонӣ гардид.

«Ҳунари порадӯзиро аз модарам ёд гирифтам ва 33 сол мешавад, ки аз рӯи ин касби пешакарда зиндагиро пеш мебарам ва даҳҳо зани хонашинро соҳибкасб намудам. Аз ҷумла, соли 2024 ба15 зани деҳа дар хонаи истиқоматии худ дарздӯзиву чакандӯзиро омӯзонидам ва онҳо аз ҳисоби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Восеъ соҳиби сертификат гардиданд. Соли 2025-ум 40 зани дигари деҳаро, ки бештарашон хонашин мебошанд, ҳамчун шогирд қабул намуда, ҳунарамро меомӯзонам», - мегӯяд номбурда.

Зебогул ифтихор аз он дорад, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳунарҳои мардумӣ дубора эҳё гардиданд. Ин ҳунарманд мақсад дорад, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ коргоҳи хурд таъсис диҳад.

Сокини дигари ноҳияи Восеъ Соҷида Ҳусайнова низ яке аз гирандагони гранти раиси вилояти Хатлон дар соли 2024 мебошад. Ӯ лоиҳаи худро дар самти ҳунармандӣ (дӯзандагӣ) пешниҳод намуда, соҳиби 15 ҳазор сомонӣ гардид.

Дар маҷмуъ, соли 2024 аз ноҳияи Восеъ як зан соҳиби гранти президентӣ ва се бону соҳиби гранти раиси вилояти Хатлон гардиданд. Айни замон дар ноҳияи Восеъ 311 зан ба соҳибкорӣ, ҳунармандӣ машғул буда, дар рушди иқтисодиёти мамлакат нақши арзанда мегузоранд.

Ба истиқболи 80-солагии Ғалабаи бузург

# ТОҶИКПИСАРЕ, КИ ҶАСОРАТУ БЕБОКИАШ ДӮСТУ ДУШМАНРО МОТ КАРДА БУД



**Аз поёнёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ 80 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, дарду доғи ин ҷанги хунинтарини таърихи башарият ҳанӯз аз ёдҳо нарафтааст. Вақте 22-юми июни соли 1941 Германияи фашистӣ аҳдшиканона ба хоки собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳамла кард, дар қатори дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ фарзандони ғаюру диловари Тоҷикистон низ барои ҳимояи марзу буми ватани он айём ягона бархостанд. Беш аз 300 000 нафар тоҷикистониён дар ин ҷанги хунумонсӯз иштирок намуда, зиёда аз 100 ҳазор нафарашон дар мубориза бо фашистони истилогар қаҳрамонона ҷон доданд.**

Сокини ноҳияи Вахш Шариф Холов дар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ 16-сола буду дар саҳро кор мекард. Он айём ҷои ҷавонмардони ба ҷабҳарафтаро асосан пиронсолон, занон ва наврасон иваз карда буданд. Худ серӣ ғизо нахӯрда, аз рӯи шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба», тамоми маҳсулоти ҷамъовардаро бо мақсади ҳар чӣ зудтар саркӯб кардани душманон ба ҷанговарон мефиристоданд.

Моҳи марти соли 1943 Шариф Холов ихтиёрӣ ба хизмати ҳарбӣ рафт. Ӯ аввал дар курсҳои кӯтоҳмуддат таҳсил намуда, ихтисоси нишонзанӣ аз тӯпро омӯхт.

Моҳи июни соли 1943 Шарифи нав ба синни 18 даромада дар ҳайати ҷанговарони полки 1203-юми тирандозии пиёдагарди Фронти 1-уми Белоруссия ба ҳайси тӯпчӣ бар зидди душмани ғаддор ба набард рафт. Тоҷикписари диловар баъдан дар ҳайати ҷанговарони полки 826-уми артиллерӣ ба муқобили гитлерчиён мардонавор ҷангида, далерию матонати бемисл нишон дод. Миёни ҳамсангарон бо ҷасорату бебокиаш ном баровард. Дар яке аз набардҳои шадид барои озод намудани шаҳри Минск аз шикамаш чарроҳат бардошта, тайи чор моҳ бистарӣ шуд. Пас аз шифо ёфтан дубора ба сафи пеши ҷабҳа баргашт.

Моҳи декабри соли 1943 ҳангоми зада гардонидани ҳамлаи ҷавобии танкчиёни фашист дар деҳаи Борисовка Шариф Холов бо тӯпи худ дар сафи пеши ҷабҳа камин гирифт. Вақте се танки «Шоҳпаланг»-и душман ба баландӣ баромада, сӯи ҷанговарони шуравӣ нишон гирифтанд, Шариф-мергани диловар бо як чолокии ба худ хос тӯпро ба кор даровarда, танки якуми фашистонро, ки 200 метр дур қарор дошт, зада нобуд кард.

Зимни ҳуҷуми ҷавобии душман Шариф Холов бо ҳамроҳонаш дар ҷангалзор ба мошини зиреҳпӯш ва ду танки дигари душман оташ кушод. Мошини зиреҳпӯши душман оташ гирифту гитлерчиёни ба воҳимаафтода роҳи гурезро пеш гирифтанд. Барои ҷасорату диловариаш дар ин набарди ҳалкунанда Шариф Холов бо ордени «Шараф» дараҷаи сеюм сарфароз гардонида шуд.

Ҳамин тавр, Шариф Холов дар озод кардани шаҳрҳои Прага, Варшава, Краков, Валденбург ва дигар шаҳру деҳаҳои Аврупо аз фашистони хунхор далерию қаҳрамониҳои беназир нишон дода, бо медали «Барои шуҷоат», ордени «Револютсияи Октябр» ва дигар мукофотҳои ҷангӣ сарфароз гардид.

Пас аз поён ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ Шариф Холов ба Ватан баргашта, соҳиби ихтисоси муҳосиб гардид ва солҳои зиёд ба ҳайси директори комбинати хизмати маишии ноҳияи Вахш софдилона адои вазифа намуд. Барои нишон додани маҳсулнокии баланди меҳнатӣ бо медали «Ветерани меҳнат» қадрдонӣ гардид.

Солҳо раиси шурои собиқадорони ноҳияи Вахш буд. Зимни мулоқот бо ҷавонон Шариф Холов дар бораи дӯстию рафоқат, сулҳу ваҳдат, ватандӯстӣ ва ободкорӣ сухан карда, аз давраҳои мушкили айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва сабру матонати мардуми диёр ҳикояҳои ҷолибу таъсирбахш мекард.

Ҳаёти ӯ барин диловарон барои насли имрӯза намунаи ибрат аст, зеро ҳисси ватандӯстии баланд доштан, сабру матонат нишон додан, бо вуҷуди мушкилиҳои вазнин ноумед нашуда, ба ояндаи нек умед бастани насли ҳамонвақта буд, ки халқи шуравӣ ба Германияи фашистӣ барин душмани пурзӯр ғолиб омада, нисфи зиёди Аврупоро аз истилогарони фашист озод кард.

Агар Шариф Холов зинда мебуд, 10-уми майи соли равон 100-сола мешуд. Ёди чунин далерон ва қаҳрамонони ҷабҳаи ҷангу меҳнат гиромӣ бод!

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# МУЖДАИ ТОЗАИ «ҶУМҲУРИЯТ»-РО МЕПАЗИРЕМ

**Роҳбарият ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Ҷумҳурият» чор китоб: «Аз «Иди тоҷик» то «Ҷумҳурият», «Энсиклопедияи «Ҷумҳурият», «Ҷумҳурият»: дирӯз ва имрӯз», «Дӯстони тоҷикон»-ро интишор ва дар арафаи 100-умин солгарди таъсиси нашрия чун муждаи тоза ба хонандагон эҳдо намуданд. Ин ва ду китоби дигари дар панҷ соли охир чопнамудаи рӯзнома: «Эмомалӣ Раҳмон ва эҳёи давлатдории миллӣ», «Бобоҷон Ғафуров ва тамаддуни Шарқ» чанде пеш муаррифӣ шуданд**.

«Ҷумҳурият» таърихи зиндаи мост. Рӯзнома давоми фаъолияти бисёрсолаи худ на танҳо муҳимтарин воқеаҳои давру замонро баррасию инъикос намудааст, балки аз забон, истиқлолият, таърих, ҳастии миллат, фарҳангу тамаддуни тоҷикону Тоҷикистон ҳифозат кардааст. Таҳия ва нашри китобҳоро, ки маҷмуаҳои муҳими публитсистию пажӯҳишӣ, таҳлилу баррасиҳои илмию оммавӣ мебошанд, як навъ идомаи мантиқии иҷрои рисолати рӯзнома ва ҳайати эҷодии он дар масири андешасозӣ, худшиносию худогоҳӣ, пос доштани хидмати фарзонафарзандони миллат ва тарбияи зиракии сиёсӣ метавон номид.




Дар китоби «Энсиклопедияи «Ҷумҳурият» масъулон зимни ҷустуҷӯ маълумоти фаровонро доир ба ҳаёту фаъолияти қаламкашони рӯзнома дар солҳои гуногун фароҳам оварда, хидмати хонандагон, хоса пажӯҳишгарон мегузоранд. Аниқтараш, он дар бораи 264 корманди собиқ ва имрӯзаи «Ҷумҳурият» маълумоти мухтасарро бо аксҳо дар бар мегирад. Аз китоб, ҳамчунин, метавон дар бораи нахустин сармуҳаррири рӯзнома Аббос Алиев ва сармуҳаррирони минбаъда иттилоъ дарёфт.

«Аз «Иди тоҷик» то «Ҷумҳурият» гулчини мақолаҳоеро, ки давоми сол ба ифтихори 100-солагии рӯзнома нашр шудааст, фаро мегирад.

Як қисми матлабҳо, ки муаллифонашон қаламкашони шинохтаи кишваранд, аз рисолат ва ҳадафҳои бузурги миллӣ доштани рӯзнома ёдрас мешаванд, қисми дигар далели онанд, ки «Ҷумҳурият» дар баробари инъикоси муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва берун аз он, мактаби камолоти касбӣ, тарбияи кадрҳои ҷомеасоз низ мебошад. Бисёр нафароне, ки дар ин мактаб таҷриба андӯхтаанд, ба вазифаҳои гуногун, рӯзномаҳои дигар ба кор рафтаанд ё рӯзномаи худро таъсис додаанд. Бархе дониши сиёсӣ гирифта, баъдан ба арсаи сиёсат ва дипломатия пайвастанд. Қисми дигар болу пари эҷодӣ кушода, ба адабиёт шомил шудаю дар рушди ин соҳа низ саҳми мондагор гузоштанд.

Кормандони имрӯзаи рӯзнома заҳмат ва номи неки ҳамкорони собиқи худро пос медоранд. Дар китоб аз эшон бо муҳаббату самимияти хоса ёд мекунанд, кору рӯзгори ҳар кадоми онҳоро барои ҷавонони тоза ба журналистика воридшуда ибрат медонанд.

«Ҷумҳурият»: дирӯз ва имрӯз» таҳлилу баррасиҳои илмиву оммавии ду олими шинохтаи тоҷик Аъзамҷон Азимов ва Мурод Муродӣ доир ба фаъолияти рӯзнома дар марҳалаҳои гуногун мебошад, ки бо сарпарастии рӯзнома нашр гардидааст. Аз ҷумла, мақолаҳои «Рӯзномаи миллии «Иди тоҷик» («Ҷумҳурият») дар мизони таърих», «Аз «Иди тоҷик» то иди «Ҷумҳурият», «Тоҷикистони сурх» ва фарҳанги ватанпарварӣ», «Ҷумҳурият» ва проблемаҳои ҷаҳонишавӣ» (муаллиф А. Азимов), «Нигоҳе ба як соли фаъолияти «Ҷумҳурият», «Президент - муассиси нашрияи «Ҷумҳурият», «Ҷумҳурият» ва раванди ваҳдатсозии матбуоти даврӣ», «Иқдоме, ки пайравӣ мехоҳад» ва «Шоми шанбе» - падидаи нав дар журналистика» (муаллиф М. Муродӣ) асли ин китобанд.

«Дӯстони тоҷикон» маҷмуаи мақолаҳои корманди рӯзнома Бузургмеҳри Баҳодур аст, ки ҳамчун самараи фаъолияти даҳсолааш дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» интишор ёфтаанд. Дар ин китоб ховаршиносону мутафаккирони барҷаста, низомиёну дипломатҳо ва таърихшиносону адибони номвари дунё доир ба номвожаи «тоҷик», миллати тоҷик, Тоҷикистон ва асолати баромади ин миллат пажӯҳишҳои алоҳида бурда, назар додаанд. Аз корномаи тоҷикшиносии Элфинстон, Хаников, Вамберӣ, Мейендорф, Бартолд, Андреев, Шишов, дар маҷмуъ, 40 шахсияти номвари дунё дар ин китоб баҳс меравад.

Мазмуну мундариҷаи китоб бори дигар муҳри тасдиқ мезанад, ки тоҷикон ҳамчун миллати бостонии Варорӯд ва фаротар аз он - қаламрави Ориён ва фарҳанги офаридаи онҳо дар меҳвари назари аҳли илму адаби миллатҳои дигар қарор доштааст.

«Бобоҷон Ғафуров ва тамаддуни Шарқ», ки дар соли 2024 «Китоби соли Тоҷикистон» баргузида шуд, аз ёддоштҳои шахсиятҳои маъруфи дохилу хориҷ дар бораи аллома Бобоҷон Ғафуров ва мақолаҳои муаллифони рӯзнома мураттаб гардидааст. Китоб хонандагонро ба зиндагӣ ва фаъолияти пурвусъати илмии Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ошно месозад. Матлабҳои китоб бори дигар собит менамоянд, ки Бобоҷон Ғафуров бо осори гаронбаҳо ва ғояҳои инсонпарваронаи худ дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ ва илми тоҷикшиносӣ саҳми сазовор дорад.

Матлабҳои китоби «Эмомалӣ Раҳмон ва эҳёи давлатдории миллӣ» ба Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хидматҳои мондагору бесобиқаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масири нави давлатдории миллӣ бахшида шудаанд. Рӯзнома ба ин хотир якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати вилояти Хатлон озмуни ҷумҳуриявии эҷодӣ эълон намуда буд. Кормандони рӯзнома аз миёни мақолаҳои муаллифони касбу кори гуногун рамзан 30 мақолаи беҳтарини озмуниро дар китоб ҷой доданд. Матлабҳое, ки интихобан дар ин маҷмуа ҷой дода шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар 30 соли Истиқлоли давлатӣ бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои басо нек ба хотири пойдории давлату миллат, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ба анҷом расидаанд.

Дар маҷмуъ, китобҳое, ки нашрияи расмии Тоҷикистон - рӯзномаи «Ҷумҳурият» интишор намудааст, ҳамагӣ махзани хуби иттилоот мебошанд, ки мутолиаи он барои хонандагон аз ҳар ҷиҳат муҳим ва муфид аст. Мо китобҳои мазкурро, ки ҳамкасбонамон бо заҳмати зиёд омодаю нашр намудаанд, чун муждаи тоза мепазирем. Нашри китобҳои нав ва иди садсолагии «Ҷумҳурият»-ро ба кормандони рӯзнома ва тамоми мардуми тоҷик таҳният мегӯем!

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# ШАҲРИСТОН. СОКИНОН БА ҶОЙИ ҲАҶ КӮДАКИСТОН МЕСОЗАНД

**Сокинони ватандӯсти ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд маблағҳое, ки барои сафари ҳаҷ ҷамъоварӣ карда буданд, ихтиёран барои бунёди бинои иловагӣ дар назди кӯдакистони «Ғунча» сарф намуда, саҳми худро дар ободии маҳал гузоштанд.**

Раҷаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд, зимни сафари корӣ ба ин ноҳия дар бинои иловагии кӯдакистони мазкур санги асос гузошта, бо истиқбол аз ташаббусҳои созандаи сокинон иброз дошт, ки мизу курсӣ ва дигар лавозимоти зарурии кӯдакистон аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дастрас хоҳад шуд.

**Ҷ. САБОҲИДДИН, «Садои мардум»**

# ШИФОГАРИ ЗАКӢ

**Абуалӣ ибни Сино тибро илми назариявӣ ва амалӣ меҳисобад. Аз нигоҳи ӯ ҳар яке аз ду бахши тиб ба ҷуз илм чизи дигаре нест, лекин якеи он илми аслҳост ва дигарӣ илм оид ба чӣ гуна амал намудан. Воқеан, барои табиб аз бар намудани илми назариявӣ зарур аст, то барои дар амал татбиқ намудани он омода шавад.**

Неъматулло Ибодов солҳои донишҷӯӣ мекӯшид ҳар чӣ бештар омӯзад. Мустақилона адабиёти илмиро мутолиа менамуд ва дар чорабиниҳои илмию ҷамъиятии донишгоҳӣ фаъолона иштирок мекард. Аз соли 1988, пас аз хатми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ба соҳаи тандурустӣ пайваст. Фаъолияти ӯ аз музофот (ноҳияҳои Ховалинг ва Восеъ) то пойтахти мамлакат масир дошта, дар ин замина, касбияташ сайқал ёфт. Корашро аз табиб-урологи беморхонаи марказии ноҳияи Ховалинг (солҳои 1988-1990) оғоз намуда, солҳои 1990-1993 табиб-урологи беморхонаи марказии ноҳияҳои Восеъ буд. Солҳои 1993-1995 ординатураи клиникиро дар кафедраи урологияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон гузашта, дар баробари кори табобатӣ ба ҳайси ассистенти кафедраи урологияи донишгоҳ фаъолият мекард.

Аз соли 1995 то солҳои 2015 ба ҳайси табиби урологи шуъбаи урологии Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии ба номи А.М. Дяков, мудири амалиётхонаи шуъбаи урологӣ, мудири шуъбаи урологии Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини директор оид ба корҳои табобатии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» рисолаташро дар сатҳи баланд ба ҷо овардааст. Аз моҳи августи соли 2015 инҷониб директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» мебошад.

Саҳми Неъматулло Ибодов дар такомули ин муассиса бениҳоят бориз аст. Замони роҳбарии ӯ марҳилаи сифатан нави тараққиёти муассиса оғоз гаштаю дар тамоми самтҳо пешравиҳои назаррас рӯи кор омаданд. Дар ин замина, фаъолияти марказ дар ҳама самтҳо беҳтар гашт ва шароит баҳри қабул, бистаринамоӣ ва табобати беморон фароҳам шуд. Шароити кор барои табибон низ хеле беҳбуд ёфт.

Неъматулло Ибодов ҳаргиз ба пешаи табибӣ ва кори илмӣ муносибати дуюмдараҷа накардааст. Ҳимояи рисолаи номзадӣ дар соли 2012, ҳамасола бомуваффақият анҷом додани ҷарроҳиҳои мураккаб, дар маҷаллаҳои дохилӣ ва хориҷи кишвар ба чоп расонидани 83 мақолаи илмӣ ва дар соҳа соҳиби 6 пешниҳоди навоварӣ барои ихтироот будан далели пурмаҳсулии ӯст.

Мавсуф тӯли фаъолият ҷарроҳии зиёди мураккаби урологӣ, аз ҷумла барчидани сангҳои сершумор аз гурда, ҷарроҳиҳои тармимии роҳҳои пешобравро анҷом додааст. Дар силсилаи корҳои илмиаш низ масоили ба бемориҳои урологӣ рабтдошта омӯзишу гурӯҳбандӣ ва усулҳои нави ба воситаи ҷарроҳӣ рафъ намудани онҳо пешниҳод шудаанд.

Дар ҷаҳони муосир дарди гурда аз бемориҳои паҳншуда мебошад. Ба ақидаи Неъматулло Ибодов бемории мазкур дар аксар маврид ноаён зуҳур мекунад. Аз ин сабаб муайян сохтани дараҷа ва намуди он душвор аст. Новобаста ба назарияҳои зиёд оиди марҳилаҳои алоҳидаи пайдошавии санги гурда то ҳол сабабҳои пайдошавии он пурра исбот нашудааст.

- Шахсони гирифтори бемории гурда ҳангоми сари вақт табобат нагирифтан ба фишорбаландӣ гирифтор мешаванд ва он ба дил, гардиши хуни майнаи сар таъсир расонда, боиси осеб дидани асаб низ мегардад. Дар баъзе ҳолат ин беморӣ ба норасоии гурда оварда мерасонад, ки дар натиҷа чунин ашхос ба пайванд кардани гурда ниёз пайдо мекунанд, - мегӯяд ӯ.

Ҳамчун фарди боистеъдод ва шефтаи касби хеш Неъматулло Ибодов тавонист мактаби худро ташкил ва ҷавононро ба он



ҷалб намояд. Ифтихорманд аст, ки қисми зиёди шогирдонаш ба сифати мутахассисони болаёқат дар ташхис ва муолиҷаи беморон комёбанд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ таҷрибаро дар ташхис ва табобати бемор шарти аввалиндараҷа ҳисобида, таъкид менамояд, ки ҳар табиб бояд корҳои табибони пешинро амиқ омӯзад ва дар мавриди зарурӣ моҳирона истифода бурда тавонад. Бо мадди назар доштани ин нукта Неъматулло Ибодов дар қадршиносии заҳмати устодон низ намунаи ибрат буда, эҳтирому самимияташ ба табиби муътабар Аслиддин Осимӣ шаҳодати ин гуфтаҳост.

Неъматулло Ибодов аз набзи ҷомеа огоҳ аст ва ҷаҳонбинии фарох дорад. Дар ҳуҷраи корӣ ӯро ҳамеша бо азму иродаи қавӣ, нигоҳи пурумед ба зиндагӣ, ҷавондилу руҳбаланд дармеёбед. Бо шоир шоирона, бо сиёсатмадор ҳамчун донандаи асрори сиёсат, бо олим олимона ва бо мардуми одӣ оммафаҳм суҳбат мекунад.

- Ба шарофати таваҷҷуҳи хоса ва дастгирии мунтазами Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи тандурустӣ бо тамоми дастгоҳҳои муосири ташхису табобат таъмин аст. Яъне, мо имрӯз имконияти васеи ташхис ва табобати ҳама гуна бемориҳоро дорем. Бисёр хуб мешуд, агар ҳар як шаҳрванд лоақл соле як маротиба аз назорати тиббӣ гузарад. Тавре маълум аст, пешгирии беморӣ аз табобати он осонтар мебошад, - афзуд ҳамсуҳбатам.

Вобаста ба рисолати табиб Абуалӣ ибни Сино фармудааст: «Чизҳоеро, ки бояд пизишк тасаввур намуда, бо бурҳон исбот намояд ин бемориҳо, сабабҳои ҷузъӣ ва нишонаҳои онҳо, чӣ гуна бартараф намудани беморӣ ва нигоҳ доштани тандурустӣ бувад. Пизишкро лозим аст ба ҳар чӣ аз инҳо, ки пинҳонӣ вуҷуд дорад, аз роҳи тафсил додан ва муайян сохтани андозаю вақти он бурҳон биоварад».

Барои бурҳон овардан ва беморро шифои комилу оҷил бахшидан табибро донишу маҳорат, таҷрибаи ғанӣ лозим аст, ки Неъматулло Ибодов ин сифатҳоро дорост.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 428851 | Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа | Таъмири ҷории бинои клуби ҳавопаймоҳои Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.05.2025 16:55:00 |
| 2 | 428853 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №15»-и шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 16.05.2025 18:21:21 |
| 3 | 428854 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони № 13»-и «Офтобак»-и шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 16.05.2025 18:21:21 |
| 4 | 428855 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони №16 ба номи Афсона»-и шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 16.05.2025 18:21:21 |
| 5 | 428856 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони №16 ба номи Афсона»-и шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 16.05.2025 18:21:21 |
| 6 | 428857 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати шаҳри Истаравшан» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 16.05.2025 18:21:21 |
| 7 | 428858 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таъмир ва азнавсозии даромадгоҳи берунии бино ва навиштаи бинои шуъбаи вилоятии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.05.2025 20:30:35 |
| 8 | 428865 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроки хушк барои саг | Озмуни кушод | Мол | 1 | 19.05.2025 09:10:00 |
| 9 | 428861 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №140»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 19.05.2025 09:45:05 |
| 10 | 428864 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №148»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 19.05.2025 09:45:48 |
| 11 | 428862 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №56» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 19.05.2025 09:50:59 |
